# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Норова Зарина Исломовна дар мавзуи «Инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодиёти шифоҳии халқ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст

Мавзуи интихобнамудаи унвонҷу Норова Зарина Исломовна дар мавзуи «Инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодиёти шифоҳӣ» бе шубҳа мубрам баҳисоб меравад, зеро асоси ташаккули дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон маҳз дар синфҳои ибтидоӣ гузошта мешавад. Масъалаи мазкур боз аз он ҷиҳат мубрам ба ҳисоб меравад, ки ташаккули ҷаҳонфаҳмӣ имкон медиҳад, ки вобаста ба талаботи ҷомеаи муосир насли навраси дорои тафаккури баланду созанда тарбия карда ба воя расонида шавад.

Олимони соҳаи педагогика, психология ва фолклоршиносон бар он назаранд, ки адабиёти шифоҳӣ дар инкишофи тафаккури эодӣ, тахайюл ва ҳиссиёти эстетикии насли наврас нақши муассир дорад ва ҳамзамон, ин падида дар ташаккули завқи баланди эстетикӣ, қобилияти дарк ва қадр кардани таърихи пурғановати меҳани худ ҷойгоҳи махсусро ишғол менамояд.

Дар таҳқиқот унвонҷу моҳият ва мундариҷаи ҷаҳонфаҳмӣ дар низоми таълиму тарбия, шартҳои асосии ташаккул ва рушди ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим, моделҳои муосири инкишофи ҷаҳонфаҳмии кӯдакон дар раванди таълимро тавассути эҷодиёти шифоҳӣ таҳлилу баррасӣ кардааст.

Муҳаққиқ воқеан дуруст таъкид менамояд, ки эҷодиёти шифоҳӣ дар ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ аҳамияти калон дошта, онро бисёре аз муҳаққиқон эътироф кардаанд, ки воситаи муассир барои рушди қобилиятҳои зеҳнии кӯдакон мебошад. Эҷодиёти

шифоҳӣ аз ҷиҳати имкониятҳои таълимии худ маҷмуи таҷрибаи маънавӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии мардум мебошад.

Дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ-педагогӣ ва мушоҳидаҳои шахсӣ аз таҷрибаи омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ унвонҷу хулоса менамояд, ки хусусияти муҳимми адабиёти шифоҳӣ, ки жанрҳои гуногуни он поягузори такомули ҷаҳонфаҳмии кӯдакон аст, ривоҷи андеша, тафаккур, тахайюл ва ҳиссиёти эстетикии кӯдаконро низ ташаккул медиҳад.

Таҳсил дар зинаи таҳсилоти ибтидоии муассисаи таҳсилоти умумӣ ҳамчун як шакли муташаккили ташкили таълим барои мактаббачагони хурдсол муҳити созгорро ҷиҳати босамари ташаккулёбии ҷаҳонфаҳмии онҳо дар асоси ҳамкории муколамавии омӯзгору хонанда таъмин менамояд. Аз ин нуқтаи назар унвонҷу дуруст таъкид менамояд, ки омӯзиши раванди инкишофи ҷаҳонфаҳмии мактаббачагони хурдсол дар раванди таълим дар асоси муносибати ҳамаҷониба ба омӯзиш ва моделсозии раванди педагогӣ самарабахштар мегардад.

Асоси илмӣ-назариявии таҳқиқоти мазкур дар он зоҳир меёбад, ки дар масъалаи ҷаҳонфаҳмии кӯдакон ва қонуниятҳои зуҳури инкишофи ҷаҳонфаҳмӣ андешаҳои назарии қобили мулоҳиза пешниҳод гардидаст. Натиҷагириҳои илмии он барои хулосабарориҳои назарӣ дар масъалаи қонунмандиҳои умумипедагогии ҷаҳонфаҳмӣ дар заминаи адабиёти шифоҳӣ, аз ҷумла, жанри ҳикояву афсона, шеъру зарбулмасалу мақол, чистону тезгӯяк замина фароҳам оварда, барои муҳаққиқони баъдӣ метавонад ҳамчун замина хидмат намояд.

Аз таҳлили кори илмии унвонҷу Норова Зарина Исломовна аён мегардад, ки он дар масъалаи инкишофи ҷаҳонфаҳмии кӯдакон саҳми муайяне гузоштааст. Хулосаҳои дар таҳқиқот овардашуда ба он далолат менамоянд, ки муҳақиқ тавонистааст ҷанбаҳои ташхис ва як қатор мушкилиҳои дар кори омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ хосбударо ошкор

созад ва барои бартараф намудани ин мушкилоти тавсияҳои судмандро пешниҳод намояд.

Ҳамин тавр, таҳқиқоти анҷомдодаи унвонӯ Норова Зарина Исломовна дар мавзуи «Инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодиёти шифоҳии халқ», ба он далолат мекунад, ки истифодаи эҷодиёти шифоҳии халқ ҷиҳати ташаккул додани дониш, маҳорат ва малакаи дар мактаббачагони хурдсол воқеан масъалаи мубрам буда, ҳануз ҳамаи паҳлуҳои он бозкушоӣ карда нашудааст.

Таҳқиқоти мазкур кори мустақилона анҷомёфта буда, муаллифи он Норова Зарина Исломовна сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Муқарриз, доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири
кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи
байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории
Тоҷикистон

Мирзоев Абдулазиз
Раҷабович

Маълумот барои тамос: Шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад 48/5
Тел.+992 2348802, +992918636113; Почтаи электронӣ: azizi69@mail. ru

Имзои А. Р. Мирзоев-ро тасдиқ мекунам
Сардори РК ва КМ ДБССТ Ҷураев Ш. Н.

«20» 11. 2024